# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Темиров Комронбек Очилдиевич дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии татбиқи сиёсати аграрӣ дар давраи ташаккули иқтисодиёти саноатию аграрӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақа) пешниҳод шудааст**

**Вожаҳои калидӣ:** сиёсати минтақавии аграрӣ, ҷойгиронии ҳудудӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда, иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ, самаранокии истеҳсолоти аграрӣ, кластеркунонӣ, рушди устувор, бозори аграрӣ, иқтисодиёти «сабз», рақобатпазирӣ

**Мубрамияти мавзӯи таткиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити муосир масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар миқёси умумиҷаҳонӣ ба вазифаи муҳимтарини ҳар давлат мубаддал мегардад, зеро вазъияти ба миён омада ва омилҳои навтарине, ки дар назди субъектони идоракунии давлатӣ қарор доранд, ҳалли бунёдии муаммои истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро тақозо мекунанд. Бинобар ин сиёсати аграрии минтақа низ бояд ба ҳалли чунин вазифаҳо самтгирӣ кунад.

Сиёсати аграрӣ дар буриши минтақавӣ бояд ба ҷойгиронии самараноки қувваҳои истеҳсолӣ асос ёбад, зеро аз ин ҳалли вазифаҳои муҳимми давлатӣ вобаста аст, ки дар боло зикр гардиданд. Ғайр аз ин, сиёсати аграрии минтақа бояд ба мутаносибии манфиатҳои давлат ва дигар агентҳои фаъолияти иқтисодӣ мусоидат кунад. Аз ҷиҳати методӣ, масъалаҳои марбут ба ташкили чунин сиёсати аграрӣ ҳалли худро наёфтаанд. Маҳз ҳамин нукта мубрамияти мавзӯи тадқиқоти моро муайян мекунад.

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок кардани хусусиятҳои минтақавии татбиқи сиёсати аграрӣ дар шароити гузариш ба амсилаи саноатӣ-аграрии иқтисодиёти миллӣ мебошад.

**Навгонии илмии натиҷаҳои тадқиқот** дар рушди асосҳои илмии таҳияи сиёсати аграрӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ дар қаринаи ба вуҷуд овардани амсилаи саноатӣ-аграрии хоҷагидорӣ зоҳир мегардад. Дар диссертатсия масъалаҳои такмили сиёсати минтақавии аграрӣ дар шароити ҷорӣ намудани стратегияи саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Барои асоснок кардани ғоя дар бораи мувофиқати сиёсати минтақавии аграрӣ ба воқеияти ҳозира, муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои назариявии сиёсати минтақавии аграриро, ки дар асоси онҳо тавзеҳи муаллифӣ пешниҳод гардидааст, низомбандӣ карда аст; методикаҳои мухталифи арзёбии самарабахши сиёсати аграрӣ тадқиқ карда, дар пойгоҳи онҳо зарурати арзёбии қатори нишондиҳандаҳои нисбӣ дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ мудаллал сохта шудааст; дар бахши аграрии вилояти Суғд масъалаҳое ошкор карда шудаанд, ки ташаккули шаклҳои саноатӣ-аграрии рушдро бозмедоранд; асоснок карда шудааст, ки дар бахши аграрии вилояти Суғд хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) чун «нуқтаи муттако» баромад мекунанд; механизми кластеркунонӣ дар бахши минтақавии аграрии ватанӣ пешниҳод гардидааст; афзалиятҳо дар рушди бахши аграрии минтақа ва дар оптимизатсияи ҷойгиронии корхонаҳои коркард дар минтақаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ муайян карда шудаанд.